**Суратмаҷлиси № 7**
**оид ба баргузории ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

аз 05 феврали соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: Мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ., д.и.ҳ., профессор Зоир Ҷ.М., д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш., д.и.ҳ., профессор Мирзамонзода Х.М., н.и.ҳ., профессор Ямоқова З.Д., н.и.ҳ., дотсент Давлатзода К.Д., н.и.ҳ., дотсент Давлатзода Д.Д., н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Д.С., н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А., н.и.ҳ., дотсент Раҳмонзода М.Ҷ., н.и.ҳ., муаллими калон Шарипов С.Ш., муаллими калон Насриддинов М., ассистентон: Давлатов Б.С., Аҳмадзода М.С. ва лаборанти калони кафедра Хабибова Б.Х.

**Рӯзномаи маҷлис:**

**1. Муҳокимаи рисолаи доктории дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

Раискунандаи ҷаласа н.и.ҳ., профессор Ямоқова З.Д. иброз намуданд, ки масъалаи рӯзномаи ҷаласаи мазкурро муҳокимаи рисолаи доктории дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, мушовири илмӣ д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ. ташкил медиҳад.

Барои баёни мухтасари мубрамият, нуктаҳои асосӣ ва мазмуни рисола сухан ба диссертант Давлатзода К.Д. дода шуд (баромад замима мегардад).

Пас аз баромади Давлатзода К.Д. аз ҷониби устодони кафедра ба ӯ саволҳо дода шуданд, ки ӯ ба ҳамаи саволҳои додашуда ҷавобҳои қаноатбахш гардонид.

Раискунандаи ҷаласа Ямоқова З.Д. қайд намуд, ки рисолаи мазкур бори дуюм аст, ки аз муҳокимаи кафедра мегузарад. Баъди муҳокимаи аввал бо пешниҳоди аъзоёни кафедра барои ислоҳи эродҳо, камбудиҳои техникӣ ба диссертант муҳлат дода шуда буд ва ӯ дар муддати муайянгардида онҳоро ислоҳ намуд. Аз устодони кафедра д.и.ҳ., профессор Зоир Ҷ.М. муаззаф гардида буд, ки рисолаи мазкурро то муҳокимаи имрӯза пурра мутолиа намуда, хулосаи ниҳоиро пешниҳод намояд. Инчунин, нусхаи рисола ба д.и.ҳ., профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия Шарипов Т.Ш. барои мутолиа намудани рисолаи мазкур пешниҳод гардида буд. Аз устодон хохиш карда шуда буд ки андешаҳояшонро оид ба рисола иброз намоянд.

Нахуст сухан ба д.и.ҳ., профессор Зоир Ҷ.М. дода шуд. Ӯ андешаҳояшро оид ба рисолаи илмии Давлатзода К.Д. иброз намуд. Мавсуф қайд кард, ки рисолаи илмии диссертант дар сатҳи хуб омода гардидааст. Ҳамзамон баъзе камбудиҳо мавҷуд буданд, ки он аз ҷониби диссертант ислоҳ шудаанд.

Сипас, д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш. ба сухан баромада, қайд кард, ки рисолаи доктории Давлатзода К.Д. анҷомёфта мебошад. Он бо забони нобаи тоҷикӣ ва бо усули содда навишта шудааст. Дар маҷмуъ, рисола дар сатҳи бисёр хуб омода гардидааст, иброз намуд, профессор Шарипов Т.Ш.

Баъдан, д.и.ҳ., профессор Мирзамонзода Х.М. доир ба моҳияти рисолаи илмӣ ибрози назар намуда, қайд намуд, ки мавзуи илмии таҳқиқотии диссертант яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминологияи ватаниро ташкил медиҳад. Талаботҳои пешбининамудаи КОА оид ба навиштани рисолаи илмӣ аз ҷониби диссертант пурра риоя шудааст. Аз ин рӯ, метавон онро рисолаи анҷомпазируфта маънидод намуд. Рисола дар сатҳи хуб омода шудааст ва ба дифоъ тавсия карда мешавад.

Раискунандаи ҷаласа профессор Ямоқова З.Д. низ андешаҳояшро оид ба рисолаи мазкур иброз намуд. Аз ҷумла, қайд кард, ки рисолаи илмӣ дар сатҳи хуби илмӣ навишта шудааст ва дар асоси хулосаҳои иброзшуда метавон онро ба ҳимоя пешниҳод намуд.

Ҳамин тавр, аз рӯйи ҳолатҳои болозикр, кафедра чунин қарор қабул намуд:

1. Диссертатсияи Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи: «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба талаботҳои бандҳои 31 -37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ, шудааст, мутобиқат дорад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

2. Диссертатсияи мазкур ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯй ихтисоси 12 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 15 нафар, “зид” - 0 нафар, “бетараф” - 0 нафар.

Суратмаҷлис аз 05 феврали соли 2024, № 7

Раискунандаи ҷаласа:
профессори кафедраи криминалистика
ва фаъолияти экспертизаи судии
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ. Ямоқова З.Д.

Котиби ҷаласа:
н.и.ҳ., дотсенти кафедраи криминалистика
ва фаъолияти экспертизаи судии
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шарипов С.С.

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ
«05» 02 с. 2024 Тавқиев Э. Ш.